**ТАҚРИЗ**

**ба авторефератн диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор Абдувайит дар мавзуи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, накду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ**

Фарҳангу луғатномаҳо барои омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик ва фароҳам овардани ашъори парокандаи шоирон аз ҷумлаи муҳимтарин сарчашмаҳои адабӣ ба ҳисоб меоянд. Қисми зиёди осори адибони асрҳои X-XI на ба воситаи девони ашъор, балки тавассути луғоту фарҳангномаҳои асримиёнагӣ то ба даври мо расидааст. Беҳтарин ва муътамадтарин намунаҳои ашъори адибони аҳди аввали адабиёти классикии тоҷик дар фарҳангҳо сабт шудааст, чунки онҳо нисбат ба девони ашъор ва тазкираҳо камтар ба тасҳифоту таҳрифот дучор шудаанд. Аз ин лиҳоз, на танҳо дар илми забоншиносӣ, балки дар адабиётшиносӣ низ луғоту фарҳангномаҳоро ҳамчун объекти таҳқиқ қарор додан ҳодисаи маъмули адабӣ аст.

Бо таваҷҷуҳ ба муҳимми мазкур Султонзода Гулбаҳор Абдувайит мавзуи кори илмии худро интихоб карда ва тавониста, ки як фарҳанги тафсирии асримиёнагиро ҳамчун сарчашмаи муҳимми адабӣ муаррифӣ намояд. Диссертант роҷеъ ба зиндагинома ва эҷодиёти Сурурии Кошонӣ маълумоти заруриро фароҳам оварда, дар асоси шавоҳиди моддаҳои луғавии “Фарҳанги Сурурӣ” перомуни мабоҳиси вижагиҳои адабии фарҳанг ва аҳаммияти асноди шоҳиди он дар таҳлилу баррасии осори адибони асрҳои X-XI кори диссертатсионии қобили таваҷҷуҳро анҷом додааст.

Тавре аз фишурда бармеояд, диссертатсияи мавриди назар аз мукаддима, се боб, ҳашт фасл, ҳашт зерфасл, хулоса, рӯйхатти адабиёт ва замимаҳо иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома (лоиҳа) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии кори илмӣ ва дигар бахшҳои барои ин кисмати кор муқарраргардида баён гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия «Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва мақоми «Маҷмаъ-ул-фурс»-и ӯ дар суханшиносии форсӣ-тоҷикӣ» унвон дошта, дар ин бахш муаллиф масъалаҳои алоқаманд ба зиндагиномаи Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ, маҳорати шоирии ӯ, таҳлили ашъори бозмондаи шоир, мақоми фарҳанги Сурурӣ дар адабиётшиносӣ ва фарҳангшиносии тоҷик, нусхашиносии фарҳанги мазкурро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Аз баррасии масъала диссертант чунин натиҷагирӣ кардааст, ки Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ, муаллифи фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» яке аз суханварони бомаҳорати асри XVII ба ҳисоб рафта, ҳамчун шоир низ шинохта мешавад. Вай ҳамчун шоир дар жанрҳои адабии қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ ва дубайтӣ асар эҷод намудааст. Зиёда аз 200 байти шоир тавассути тазкираҳо то ба мо расидааст.

Фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ яке аз фарҳангҳои тафсирии муътабари асри мазкур маҳсуб ёфта, дар он зиёда аз шаш ҳазор калимаву ибора шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Барои маънидоди моддаҳои луғавӣ муаллифи фарҳанг, мувофиқи ҳисобу китоби диссертант, зиёда аз даҳ ҳазор байт ашъори шоирони асримиёнагиро ҳамчун шоҳид нақл кардааст. Дар миёни ашъори нақлшуда теъдоди қобили таваҷҷуҳашон аз мутуни адабии асрҳои X-XI нақл шудаанд.

Нусхаҳои муътабари фарҳанги мавриди назар имрӯзҳо дар китобхонаҳои ҷаҳон маҳфуз аст, ки дар он миён диссертант чаҳор нусхаи хаттии онро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Аз нусхашиносии фарҳанг чунин хулосабарорӣ кардааст, ки фарҳанги мазкур аз ҷониби худи муаллиф чор маротиба такмил дода шудааст, бинобар ин, нусхаҳои хаттии фарҳанг дар шаклҳои гуногун интишор гардидаанд. Таҳқиқоти диссертант дар асоси нашри интиқодии Муҳаммад Дабири Сиёқӣ анҷом шудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Вежагиҳои фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ» ном дошта, фарогири баррасии масъалаҳои хусусиятҳои адабию луғавии фарҳанг, истифодаи абёти шоҳид, назари интиқодии Сурурӣ дар фарҳанг, усулҳои шарҳи вожагон ва шарҳи истилоҳоти адабӣ мебошад. Аз таҳқиқи масъала маълум мегардад, ки фарҳанги мавриди назар бо истифода аз фарҳангҳои мутақаддим, осори илмию соҳавӣ ва ашъори зиёда аз 300 нафар шоири адабиёти класикии тоҷик таҳия гардидааст. Инчунин, дар бахши мазкур масоили дар фарҳанг ҷой доштани афкори интиқодӣ, унсурҳои шарҳнигорӣ, истифодаи абёти шоҳид вобаста ба тобишҳои гуногуни калима, шарҳи зиёда аз 500 истилоҳи адабӣ ва дигар ҷанбаҳои адабии фарҳанг ба таври муфассал баён гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия «Масоили маърифати шеър ва матншиносии осори адабии асрҳои X-XI дар «Фарҳанги Сурурӣ» номгузорӣ шуда, аз ду фаслу се зерфасл иборат аст. Дар ин бахш асноди шоҳидие, ки ба осори адабии асрҳои X-XI мутааллиқ аст, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Диссертант зиёда аз ду ҳазор байт шеъри шоҳиди фарҳангро, ки ба ин давра тааллуқ дорад, дар муқоисаву муқобалаи нашрҳои интиқодии ватанию хориҷӣ омӯхта, натиҷаҳои ба дастовардаи худро дар зерфаслҳои алоҳида ҷой

додааст. Саъйи диссертант дар мавриди интисоби ашъор ва накду тасҳеҳи осори шоирони ин давра қобили тамҷид аст.

Таълифоти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия бозгӯйи он аст, ки диссертант ба омӯзиши мавзуи илмии худ пайгирона ва бидуни фосила машғул шуда, натиҷаҳои пажӯҳиши худро дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидааст. Ин нишондод барои муҳаққиқи ҷавон дастоварди хуб аст.

Хулосаи диссертатсия муҳимтарин натиҷаҳои пажӯҳишро дар бар мегирад. Масъалагузорӣ, муҳокимаҳо, натиҷагириҳои муаллиф ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ гувоҳи онанд, ки диссертант мавзуъро хуб медонад ва дониши кофӣ ба ӯ имкон додааст, то масъалаи мавриди баҳсро мувофиқи мақсад баррасӣ намояд.

Мазмун ва муҳтавои автореферат, услуби нигориши он аз мустақилияти фикрӣ, ҷустуҷӯйҳои илмӣ ва равиши дурусти кори муаллиф дарак медиҳад. Ҷанбаҳои илмии таҳқиқи мазкур ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Бо мақсади такмилу пешрафти корҳои илмию таҳқиқотии минбаъдаи муаллиф ба назар гирифтани пешниҳодҳои зерин ба манфиати кор хоҳад шуд:

1. Боби дуюми диссертатсия «Вежагиҳои фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ» номгузорӣ шудааст, ки чандон мушахас нест. Шояд манзур «вижагиҳои адабӣ» бошад, ки ҳиссаи дуюми ибора ҳазф шудааст?

2. Дар баёни маълумоти оморӣ вобаста ба ашъори шоир, нусхаҳои фарҳанг, абёти шоҳид ва миқдори шуаро иборам "зиёда аз 200" (саҳ.11), "зиёда аз 50" (саҳ.13), "бештар аз 10 ҳазор" (саҳ.16), "зиёда аз 300 нафар" (саҳ.16) истифода шудааст, ки шумораҳои тахминиро ифода мекунад ва минбаъд дақиккорӣ ва дақикгӯии маълумоти оморӣ дар таҳқиқот боиси афзудани арзиши кори илмӣ хоҳад гашт.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои, ба истилоҳ, техникӣ, аз ҷумла якҷоя навишта шудани ду калима ба назар мерасад. Масалан, "Волаи Доғистонӣ" (саҳ.4), "ки" Зиндагинома" (саҳ.11). Дар чопи варианти охирони фишурдаи кор ислоҳи ғалатҳои техникии мазкур боиси афзудани хусни кор хоҳад буд.

Ғалатҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба арзиш, моҳият ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқӣ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор Абдувайит дар мавзуи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

низоми таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ мебошад.

**Муқарриз**:
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи таърихи адабиёти тоҷики
факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон М. Нарзиқул
«11» ноябри соли 2024

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
к. Н.Қарабоев 150, ҳ. 14
Тел:(+992) 93-600- 12- 29
E-mail: hasti70@mail.ru

Имзои Мисбоҳиддини Нарзиқулро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37)221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«11» ноябри соли 2024